ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА
ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАСТУРАМАЛИ МУВАҚҚАТӢ

## оид ба муоина, ташхис ва табобати бемории сироятии коронавирусӣ – COVID-19 (барои табибон)

Душанбе 2020

# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, к. Шевченко 69. Тел: (372) 221-18-35 факс: (372) 221-75-25.

## ФАРМОИШ

аз 10.04 с.2020, №251/1 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи дастурамалҳои методии муваққатӣ оид ба сирояти коронавируси нави COVID-19 дар ҷумҳурӣ

Бо мақсади ташкил ва пурзӯр намудани назорати эпидемиологии сирояти нави коронавируси COVID-19, омодасозии сатҳи баланди муассисаҳои тиббию санитарӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва ташкили хизматрасониҳои тиббӣ (пешгирӣ, ташхис ва табобат) ба аҳолӣ, мувофиқи «Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 таҳти №1413 тасдиқ карда шудааст, мутобиқи банди 10-и Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамалҳои методии муваққатӣ «Оид ба пешгирӣ, ташхис ва табобати вируси нави коронавирус COVID-19 дар ҷумҳурӣ» ва «Идоракунии клиникии сирояти шадиди вазнини респираторӣ ҳангоми гумонбарӣ ба сирояти нави коронавируси COVID-19" тасдиқ карда шаванд (замима мегарданд).
2. Ба сардори Раёсати ташкили хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оила (Набиев З.Н.) дар якҷоягӣ бо директорони муассисаҳои давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмию клиникии педиатрӣ ва ҷарроҳии кӯдакона» (Азизов Б.Ҷ.), «Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон» (Давлатзода Г.Қ.), «Маркази миллии солимии репродуктивӣ» (Ғанизода М.Х.), «Маркази миллии тиббии «Шифобахш» (Шамсзода Х.), сардорони раёсатҳои тандурустии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд ва ш. Душанбе (Музаффаров Ф., Раҷабзода М., Мақсудзода Ф.Б., Шарифзода Х.С.), сартабибони беморхонаҳои марказӣ ва роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супориш дода шавад, ки воридсозии дастурамалҳои методии муваққатӣ «Оид ба пешгирӣ, ташхис ва

табобати вируси нави коронавирус COVID-19 дар ҷумҳурӣ» ва «Идоракунии клиникии сирояти шадиди вазнини респираторӣ ҳангоми гумонбарӣ ба сирояти нави коронавируси COVID-19" тасдиқгардидаро дар амалияи клиникӣ таъмин намоянд. Мӯҳлат фаврӣ.

3. Ба сардори Раёсати ташкили хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оила (Набиев З.Н.) супориш дода шавад, ки барои ба миқдори зарурӣ нашр кардан ва омӯзонидани мутахассисон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои кӯмакрасон чораҳои зарурӣ андешад. Мӯҳлат 1 моҳ.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Умарзода С.Ғ. ва муовини вазир Камолзода М.Г. гузошта шавад.

Вазир Н. Олимзода

**“Тасдиқ екунам”**
**Вазири тандурустӣ**
**ва ҳизфи ичтимоии аҳолии**
**ЧумхурииТочикистон**
**Н.Х. Олимзода**
**13 апрели соли 2020**

**____________________**

# ДАСТУРАМАЛИ МУВАҚҚАТӢ

## оид ба муоина, ташхис ва табобати бемории сироятии коронавирусӣ – COVID-19

**(барои табибон)**

## ТАРТИБДИҲАНДАГОН:

| | |
|---|---|
| **1. Камолзода М.Г** – | Сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **2. Раҳмонов Э.Р** – | Сармутахасиси ВТ ва ҲИА ҶТ оид ба бемориҳои сироятӣ, д.и.т., профессор |
| **3. Ҳабибзода Х.Ҳ** – | Сармутахасиси Раёсати тандурустии ш.Душанбе оид ба бемориҳои сироятӣ |
| **4. Шарифзода Т.М** – | Муовини сартабиби беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ, н.и.т. |
| **5. Исломов Н.Д** – | Сармутахасиси Раёсати тандурустии ш.Душанбе оид ба эҳёгарӣ |

# МУҚАДДИМА

Аз моҳи декабри соли 2019  дар Ҷумҳурии Мардумии Чин, музофоти Хубей, шаҳри Ухан мутахассисони соҳаи тандурустӣ оид ба сар задани сирояти нав, ки барангезандааш коронавирус мебошад, хабар расонидан. Дар мудати начандон дароз ба ин беморӣ ҳазорон нафар дар тамоми музофотҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин гирифтор шуданд, ки дар зиёда аз 3% онҳо фавт ба қайд гирифта шуд. Айни замон ин бемори қариб дар тамоми кишварҳои дунё ба қайд гирифта шудаст.

Аз рӯи маълумотҳои оморӣ то санаи 08.04.2020 сол ҳамагӣ дар рӯи олам зиёда аз 1438715 нафар сироятёфтагони коронавирус ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин шумра 82385 нафарашон фавтидаанд ва 309745 нафарашон шифо ёфтаанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ягон ҳодисаи сирояти коронавирус ба қайд гирифта нашудааст.

Аз моҳи январ то инҷониб 7041 нафар шаҳрвандоне, ки аз кишварҳое осебпазир вориди Тоҷикистон шудаанд,  ба карантин гирифта шуда, баъди итмом шудани муҳлати карантинӣ, бо  инкор намудани сирояти коронавирусӣ ба хона чавоб дода шудаанд.

Дастурамал барои табибони муассисаҳои табобатию профилактикии бахши сироятӣ, инчунин барои табибони шуъбаҳои эҳё (реаниматсионии)  пешбинӣ шудаанд.

# 1. ЭТИОЛОГИЯ ВА ПАТОГЕНЕЗ

Коронавирусҳо (Coronaviridae) як оилаи калони вирусҳои дорои РНК мебошанд, ки метавонанд ба одамон ва баъзе ҳайвонот сироят кунанд. Дар одамон, коронавирусҳо метавонанд як қатор бемориҳоро, аз ҷумла намудҳои сабуки сирояти шадиди роҳи нафас ва рӯдаю меъда то синдроми шадиди роҳи нафас (SARS) ба вуҷуд оранд.

Барангезандаи беморӣ ҳангоми нафаскашӣ, гуфтугӯ, сулфа, атса задан, тавасути оби даҳон, луоби бинӣ, ҳавогӣ – қатрагӣ ва тамосӣ ба шахси солим мегузарад. Роҳҳои воридшавии барангезандаи сироят – эпителияҳои қисмати болоии узвҳои роҳҳои нафас ва эпителиотситҳо меъда ва рӯда мебошанд. Марҳилаи аввалини сироятёбӣ ин воридшавии COVID – 19 ба ҳуҷайраҳои ҳадафӣ (клетки - мишени), ки ретсепторҳои ангиотензинмубадалшаванда доранд, ворид мешаванд. Ин ретсепторҳо бештар дар ҳуҷайраҳои роҳҳои нафас, гурдаҳо, сурхрӯда ва ғайраҳо мавҷуданд. Аммо аз ҳама ҳадафи пештар ҷойгишуда ин ҳуҷайраҳои алвеолаҳои типи II –юм, ки дар шуш ҷои гиранд, ва оянда ба илтиҳоби шушҳо оварда мерасонанд, таъсир мерасонанд.

## Ҳолатҳои стандартии муайян намудан ба сироятёбии COVID – 19

**Ҳолати шубҳанок – ин аломатҳои сирояти роҳҳои нафас, бронхит, илтиҳоби шушҳо бо ҷой доштани собиқаи вогирӣ;**

- Баргаштан аз сафари кишварҳое, ки ин сирят ба қайд гирифта шудааст.
- Мудати 14 рӯзи охир дар тамос будан бо шахсоне, ки таҳти назорат оид ба COVID – 19 мебошанд, ё ба ин сироят гирифторанд.
- Мудати 14 рӯз дар тамос будан, бо шахсоне, ки ташхиси COVID – 19 тасдиқ шудааст (озмоишӣ).

**Ҳолати эҳтимолии сирояти коронавируси нав:**

- мавҷудияти зуҳуроти клиникии илтиҳоби шуши (пневмонияи) шадид, синдроми шадиди респиратории роҳҳои нафас, сепсис дар якҷоягӣ бо маълумотҳои таърихи эпидемиологӣ (ба боло нигаред).

**Ҳолати тасдиқшудаи COVID – 19**

Хулосаи **мусбати** таҳлили андуда аз бинӣ ва ҳалқ бо пайдо намудани РНК –и COVID – 19 бо тарзи реаксияи полимеразии занҷирӣ (ПЦР) новобаста аз инкишофи аломатҳои клиникии беморӣ.

# ТАШХИСИ СИРОЯТИ КОРОНАВИРУС

**Муоинаи бемор барои баҳодии ҷараёни сироят:**

- Муайян намудани ҳолати руҳии бемор;
- Муайян намудани дараҷаи осебёбии роҳҳои болоии нафаскашӣ;
- Санҷидани ҳарорати бадан;
- Ламс намудани ғадудҳои лимфатикӣ;
- Санҷидани шумораи тапиши дил, фишори шараёнӣ ва зудии нафаскашӣ;
- Муоинаи дигар системаҳо;

**Ташхиси умумии лабораторӣ**:

- санҷиши умумии (клиникии) таҳлили хун бо муайян кардани миқдори эритроситҳо, гематокрит, лейкоситҳо, тромбоситҳо, формулаи лейкоситарӣ;
- ***таҳлили биохимиявии хун*** (мочевина, креатинин, электролитҳо, ферментҳои ҷигар, билирубин, глюкоза, альбумин). Таҳлили биохимиявии хун барои инкор намудани дигар бемориҳо музмини ҳамарадиф, ки метавонанд ба оқибатҳои нохуш оварда расонанд, лозим аст.
- ***СРС*** (С – реактивный белок) барои муайян намудани шиддати ҷараёни беморӣ, паҳншавии инфилтратсияи илтиҳобӣ ва пешбинии инкишофи илтиҳоби шуш (пневмония) алоқаманд аст;

- Пулсоксиметрия (яъне муайян кардани таъминотнокии хун бо кислород) бо андозагирии SpO2 (пур гардидани гемоглобин бо оксиген) барои муайян кардани норасоии нафас лозим аст (дар меъёр таъминотнокии хун бо кислород аз 95 то 100% ташкил медиҳад).

**Ташхиси лабораторӣ:**

- Аз ҳар як бемор на камтар аз 3 навъи маводи клиникӣ гирифта мешаванд. Андуда аз ковокии бинӣ, даҳону ҳалқ ҳатман гирифта мешаванд.
- Барои ташхиси пас аз марг, намунаҳои аутоптатҳои шуш, трахея ва испурч истифода мешаванд.
- ошкор кардани РНК **COVID-19** бо усули реаксияи занҷираи полимеразӣ (ПЦР).

**Тартиби гирифтани молишак аз пешгоҳи ком:**

1. Дастҳоро тоза шуста баъд дастпӯшакҳоро пӯшед.
2. Молишҳоро бо ҳаракатҳои даврзананда аз бодомакҳо ва пешгоҳи ком гирифтан лозим аст (нигаред ба расм).

- Барои боло шудани забонаки ҷоғ бемор бояд “а-а-а” бигӯяд.
- Забонро бо даста (шпател) доштан дар кор (ин амал метавонад ба дилбеҳузурии бемор биёрад).
- Аз ҷоғи мулоим гирифтани молиш мумкин нест ва нӯги фатила ба забон набояд расад.

3. Зуд фатиларо ба найчаи озмоишии пластикӣ барои

интиқоли маводи вирусӣ гузоштан зарур аст.

- Асоси мисбор (зонд)-ро шикаста найчаи озмоишии пластикиро маҳкам намоед. Дар ҳолати шикаста натавонистани мисбор онро буридан лозим аст.
- Ҷойи буриши қайчиро безарар гардонидан зарур аст.

**Расм.** Тартиби гирифтани молишак аз пешгоҳи ком



**<u>Тартиби гирифтани молишак аз бинӣ:</u>**

1. Барои гирифтани молишак аз бинӣ молишаки махсусро истифода намоед.
2. фатила (зонд)-ро ба даруни бинӣ оҳиста андохта (барои калонсолон 2–3 см) авод барои таҳлил ҷамъ кардан зарур аст (нигаред ба расм).
3. Молишакро ба ковокии бинӣ мувофиқ карда гузоштан лозим аст.
4. Барои ба фатила хуб чаббидан якчанд дақиқа мунтазир шудан лозим аст.

5. Чунин тартиброро дар дигар сурохии бинӣ такрор намоед.
6. Зуд фатиларо ба найчаи озмоишии пластикӣ барои интиқоли маводи вирусӣ гузоштан зарур аст.
7. Асоси мисбор (зонд)-ро шикаста пробиркаро маҳкам намоед. Дар ҳолати шикаста натавонистани мисбор онро буридан лозим аст.
8. Ба найчаи озмоишии пластикӣ, ки дар дохили он намуна аст рақам гузоред.
9. Дар роҳхате, ки ба озмоишгоҳ равона мешавад, бояд нишон дод:
   - Ному насаб, сину сол, суроғаи бемор.
   - Санаи гирифтани намуна.
   - Намуди намуна (масъалан, молиш аз бинӣ, молиш аз пешгоҳи ком).

**Расм.** Тартиби гирифтани молишак аз бинӣ





**Ташхиси дастгоҳӣ:**

- рентгени қафаси сина аз пеш ва паҳлӯ барои ҳамаи беморони шубҳаноки пневмония тавсия дода мешаванд (бо ҷойгиршавии номуайяни раванди илтиҳобӣ тавсия дода мешавад, ки дар дурнамои паҳлуи рост акс гирифтан мувофиқи мақсад аст).

Ҳангоми рентгенографияи қафаси сина, рангҳои торики инфилтративии дутарафаро нишон медиҳад. Аксар вақт тағйироти амиқ дар қисмҳои асосии шуш ҷойгиранд.

- Томографияи компютерии шуш усули нисбатан ҳассос барои ташхиси пневмонияи вирусӣ мебошад.

Бозёфтҳои асосии пневмония ин инфилтратҳои дуҷониба дар шакли "шишаи яхкардашуда" ё муттаҳид мебошанд, ки асосан дар мавзеҳои поёнӣ ва миёнаи шуш дида тақсим карда мешаванд; барои ҳама бемороне, ки дар беморхона хобидаанд, электрокардиография (ЭКГ) дар шакли стандартӣ тавсия дода мешавад.Таҳқиқоти мазкур ягон маълумоти мушаххасе надорад, аммо ҳоло маълум аст, ки сирояти вирусӣ ва пневмония ба ғайр аз заъфи бемориҳои музмини ҳамроҳ хавфи халалдоршавии назм ва аломати шадиди коронариро зиёд мекунад, ки сари вақт ошкор кардани онҳо ба пешгӯиҳо таъсири назаррас мерасонад.

**Рухсатшавии бемор**

Бемороне, ки ташхисашон тасдиқшудааст, баъди бартараф шудани нишонаҳои беморӣ, 3-юм рӯзи муътадил шудани ҳарорати бадан ва гирифтани таҳлили манфии дукарати ТЗП ба РНК-и **COVID-19 ,** дар фосилаи як рӯз баъд.

## АЛОМАТҲОИ КЛИНИКИИ СИРОЯТИ КОРОНАВИРУСИ НАВИ COVID-19

Давраи ниҳонии бемори аз 2 то 14 рӯз буда, ба ҳисоби миёна 5-7 шабонарузро ташкил медиҳад.

Ба сирояти **COVID-19** аломатҳои сирояти шадиди вирусии роҳҳои нафас хос аст:

- баландшавии харорати бадан дар 90% ҳолатҳо;
- сулфа (хушк ё бо миқдори ками балғам) дар 80% ҳолатҳо;
- нафастангӣ дар 55% ҳолатҳо;
- мондашавӣ (44%);
- ҳиси тангшавии қафаси сина (20%);

Нафастангии вазнин бештар дар рӯзҳои 5 – 8 беморӣ аз вақти сироятёбӣ пайдо мешавад.

# АЛГОРИТМИ ТАБОБАТИ COVID -19 (СИРОЯТИ КОРОНАВИРУСӢ), АЗ РӮИ ҶАРАЁНИ БЕМОРӢ

## I. Табобати симтоматикӣ.

1. Бартараф намудани ҳароратбаландӣ: парасетамол ё ибупрофен

**** Эзоҳ: доруворихои табфурор дар ҳолати баланд будани ҳарорат аз 38,0 – 38,5⁰С, ё ба шахсоне таъин мешавад, ки бемориҳои ишемикии дил доранд.***

2. Табобати ринит ё ринофарингит: чаконидан ба ковокии бинӣ нафтизин ё глазолин.
3. Таббати сулфа ё бронхит: таиноти муколитикҳо – мукалтин, ё бронхолитикҳо – амбраксол, бромгексин.
4. Табобати зидди варамӣ (противоотечный) ё антигистаминӣ: фенкарол, диазолин.

## II. Табобати этиотропӣ.

**1. Ҷараёни сабук;** намуди сабуки беморӣ бо иллатёбии қисмати болоии узвҳои роҳҳои нафас (аломатҳои катаралӣ) дар беморони аз 60 сола хурд ва беморохои ҳамрадифи музмини дилу рагҳо, ё роҳҳои нафас, ё диабети қанд надошта.

- Рекомбинантный интерферон альфа 2b (намуди қатрагӣ) – 5 қатрагӣ 3-4 маротиба 3-5 рӯз ба ковокии бинӣ.

**<u>2. Ҷараёни сабук;</u>** намуди сабуки беморӣ бо иллатёбии қисмати болоии узвҳои роҳҳои нафас (аломатҳои катаралӣ) дар беморони аз 60 сола боло ва бемриҳои музмини дилу рагҳо, ё роҳҳои нафас, ё диабети қанд дошта.

- Ба табобати боло зикр шуда, илова намудани делагил (хлорохин) 0,5 х 2 маротиба, 7 рӯз.

**<u>3. Ҷараёни миёна вазнин;</u>** илтиҳоби шушҳо бе нишонаҳои норасоии роҳҳои нафас дар беморони аз 60 сола хурд ва ё бемороҳои ҳамрадифи музмини дилу рагҳо, ё роҳҳои нафас, ё диабети қанд надошта.

- делагил 0,5 х 2 маротиба 7 рӯз **+** арбидол 200мг х 3 маротиба, 7 рӯз, **ё** рибаверин 800мг х 2 маротиба, 7 рӯз.

**<u>4. Ҷараёни миёна вазнин;</u>** илтиҳоби шушҳо бе нишонаҳои норасоии роҳҳои нафас дар беморони аз 60 сола боло ва ё бемороҳои ҳамрадифи музмини дилу рагҳо, ё роҳҳои нафас, ё диабети қанд дошта.

- делагил 0,5 х 2 маротиба 7 рӯз **+** азитромицин 500 мг х 1 маротиба, 5 рӯз **+** арбидол 200 мг 3 бор 5-7 рӯз, **ё** рибаверин 800мг 2 бор 7 рӯз.

**<u>5. Ҷараёни вазнин бо илтиҳоби шушҳо бо сарзадани норасоии нафас, ОРДС, сепсис:</u>**

- делагил 0,5 х 2 маротиба 7 рӯз, левофлоксацин 500 мг 2 маротиба в/в, 7-14 рӯз, **ё** цефтриаксон 1гр х 2

маротиба в/м 7 – 14 рӯз **+** Арбидол 200мг 3 бор 5-7 рӯз, **ё** рибаверин 800мг 2 бор 7 рӯз ва фавран ташкил намудани чораҳои эҳёгарӣ интенсивӣ оид ба барқарор намудани норасоии нафас.

**III. Табобати беморон дар ҳолатҳои норасоии хун бо кислород- сатурация.**

Дар меъёр бояд хуни инсон аз 95 то 100% бо кислород таъмин бошад.

Дар вақти бо сирояти коронавирус мубтало шудан, дар бемор ҳолатҳои норасоии хун бо кислород яке аз нишондодҳои асоси дар муоина, табобат ва оқибати беморӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз дар вақти табобати ин беморон яке аз таҷҳизотҳои зарурӣ барои ҳар як духтур ин **пулсоксиметр** ба ҳисоб меравад.

**Нишондодҳое, ки духтурон бояд дар вақти табобати беморон ҳатман иҷро намоянд:**

Алгоритми табобати беморон бо нишонаҳои ТОРИ дар шӯъбаҳоиумумӣ

- Агар дар вақти табобати бемор таъминотнокии хун бо кислород аз 95% паст фурояд, яъне 93%, бояд бемор тадриҷан бо кислород (асбоби оксигенератор ё кислороди марказонидашуда) пайваст карда шавад. Дар ин вақт бемор ба тахтапушт хоб аст.

- Дар ҳамин ҳолат мудати 1-1,5 соат агар таъминотнокии хун бо кислород аз 93% то 92% поён фурояд, беморро ба тарафи шикам гардонида мудати 1-1,5 соат бо кислород таъмин менамоем.
- Дар сурати балан шудани сатурация аз 95% боло беморро ба тахтапӯшт гардонида аз кислороди пайвастшуда мудати 1-1,5 соат ҷудо намуда, бо нафаскашии мустақилона муоина менамоем.
- Агар сатурация аз 95% дар ин мудат паст нашавад, бемор ба давом додани қабули кислород дигар эҳтиёҷ надорад.
- Дар сурати баланд нашудани таъминотнокии хун бо кислород ва паст шудани миқдори он то 90%, новобаста аз ҳолаташ, бемор бояд дар мудати 1 соат аз тарафи духтури эҳёгар муоина карда шавад.
- Агар дар бемор дар вақти муоина ва табобат, сатурация аз 90% паст бошад, табиби эҳёгар фавран даъват карда шавад.

**<u>Табобати беморон дар шуъбаи эҳёгарӣ</u>**

Мувофиқи имкониятҳои ҷойдошта дар ҳолати ҷойдоштани бемории COVID-19 катҳои шӯъбаи эҳёро зиёд намудан лозим аст. Аз лиҳози зуҳуроти нишонаҳои норасоии нафас дар дараҷаи вазнин, аксарияти ин беморон барои табобати боҷадал ва чорабиниҳои эҳёгарӣ эҳтиёҷ доранд.

Шумораи катҳои ба шӯъбаи эҳёгарӣ ҷудошуда дар беморхона бояд на камтар аз 15% ро ташкил диҳанд. Таъминотнокӣ бо дастгоҳои нафасдиҳии сунъӣ муосир бошад, бояд 10-12% - ро дар бар гирад.

Бояд қайд намудан лозим аст, кӣ гипоксемия яке аз ҳолатҳои хатарнок ба ҳисоб меравад. Лекин интиқоли оксиген метавонад нишонаҳои гипоксемияро зуд бартараф намояд. Барои табобати бемороне, кӣ нишонаҳои алоими вазнини шадиди респираторӣ (ТОРС) доранд табобат бо усули интиқоли оксиген дар ҷои аввалиндараҷа меистад. Ҳамаи ҳуҷраҳои беморхона, ки дар онҳо беморон бо нишонаҳои ТОРС бистарӣ гардидаанд, бояд ҳатмӣ бо пулсоксиметрҳо таъмин бошанд.

Ҳамаи бемрони бо нишонаҳои ТОРС бистаригардида бояд дар зери назорати қатъии табибон қарор гиранд.

**<u>Алгоритми табобати беморон бо нишонаҳои ТОРС дар шӯъбаҳои эҳё:</u>**

- Сатуратсия дар вақти интиқоли бетанаффуси оксиген бояд аз 90% кам набошад.
- Дар ҳолати аз 90% паст фаромадани сатуратсия, беморро ба шикам хобондан лозим аст.
- Аз 90% паст шудани сатуратсия дар ҳолати интиқоли доимии оксиген вақти ба шикам хоб будан, бемор ба интиқоли инвазивии нафаси суннӣ гузаронида шавад.

- Ба бемороне, кӣ дар интиқоли ғайриинвазивии оксиген қарор доранд, на камтар аз як маротиба дар давоми 2 соат интиқоли оксигенро қатъ намудан лозим аст. Агар дар ин муддат сатуратсия аз 85% паст фуроянд, бемор бояд ба интиқоли инвазивии нафаси сунъӣ гузаронида шавад.
- Новобаста аз нишондодҳои сатуратсия агар дар бемор зудии нафас аз 26 дар як дақиқа зиёд шуда, дар бемор эҳсоси норасоии нафас, бетоқатӣ, ҳиссиёти тарс ва ваҳм мушоҳида шавад, бемор бояд ба интиқоли инвазивии нафаси сунъӣ гузаронида шавад.

Замима 2.

**Алгоритми амалҳои духтури МСШ ҳангоми ташхиси бемор бо сироятҳои шадиди вирусии респираторӣ дар хона барои пешгирии паҳншавии коронавирус**

**I. <u>Муайян кардани категорияи даъватҳо.</u>**

1. Вақте ки корманди тиб ба хона мерасад, ҳатман аломатҳои сироятҳои шадиди вирусии роҳҳои нафасро муоина намуда, тарҷ менамояд.
2. Духтур / ҳамшираи шафқате, ки бо сабаби сироятии вирусии роҳҳои нафас даъват шудааст, вазифадор аст, қоидаҳои бехатарии тиббии муҳофизатиро риоя намояд.

**II. <u>Амнияти тиббӣ.</u>**

Истифодабарии ҳатмии таҷҳизоти муҳофизати шахсии яккарата: айнакҳои бехатарӣ, дастпӯшҳои яквақта, респиратор ё ниқоби тиббӣ, либоси тиббӣ ё халати тиббии яквақта, пӯшидани маҳсии (бахилы) намнокнашаванда.
Духтур бояд бо худ захираи ниқобҳои тиббиро барои бемор ё хешовандҳои бемор, ба андозаи ҳадди аққал 10 дона. Пеш аз пурсиш ва муоинаи бемор, бояд аввал ниқобро ба бемор пешниҳод кунед. Бемор бояд ҳама вақти муоина дар ниқоби тиббӣ бошад!
Дастҳои дастпӯшпӯшидаро бо маҳлули дезинфексиони коркард бояд кард.

**<u>ДАР ВАҚТИ ДАР ҲУҶРАИ БЕМОР БУДАН, НАБОЯД НИҚОБ, АЙНАК ВА ДИГАР ТАҶҲИЗОТИ МУҲОФИЗАТИ КАШИДА ШАВАД!!!</u>**

**III. Тамоси <u>аввалини</u> бемор бо мутахассиси тиб.**

Агар ҳангоми муоина бемор шикоят кунад, ки:

- мушкилии нафаскашӣ дорад;
- tO ~ 37-38$^0$C,
- Сулфа (одатан хушк)

Пас маҷмӯи 2 ё зиёдаи чунин шикоятҳо эҳтимолияти мавҷудияти Covid- 19 - ро нишон медиҳанд.

**IV. <u>Муоинаи</u> бемор бо ташхиси СШВРН**

**Агар дар бемор:**

1.Нафаскашӣ камтар аз 30 дар як дақиқа
2. таъминотнокии хун бо кислород Sp02 >90%
3. Ҳушаш равшан
4. Ҳароратбаландӣ камтар аз 5 рӯз

<u>Дар ин ҳолат бемор дар хона нигоҳубин карда мешавад.</u>

**Агар бемор ҳадди аққал 1 меъёрҳои зеринро тасдиқ кунад:**

1. шумораи нафаскашӣ зиёда аз ~ 30
2. таъминотнокии хун бо кислород Sp02 <90%
3. табларза зиёда аз 5 рӯз
4. ҳомиладорӣ

<u>Шумо бояд таъҷилӣ тавассути телефон ба ёрии таъҷилии тиббӣ занг зада, барои бистаринамоии бемор дархост ирсол намоед.</u>

**Агар бемор:**

1. дар давоми 14 рӯзи охир аз Аврупо, ИМА, Хитой, Кореяи Ҷанубӣ, Эрон ё дигар кишварҳо (ба рӯйхат кишварҳое,ки сироят паҳншудаистодааст диққат додан лозим)

   Ё дар тамос будани ӯ бо шахсоне, ки аз ин кишварҳо баргаштааст ё ба бемор коронавирус гирифтор аст.
2. сину солаш аз 60 сола боло.
3. Дорои бемориҳои музмини дилу рагҳо, бемории диабети қанд, бемориҳои системаи роҳҳои нафас, бемории онкологӣ, бемориҳои системаи эндокринӣ ва инчунин зан ҳомиладор аст.

Дар ин ҳолат  духтур пеш аз беморро ба беморхони сироятӣ ирсол намудан, бояд маводи биологиро барои ташхисгузорӣ бигирад (андуда аз гулӯ ва бинӣ).

***Дар дигар ҳолатҳо - бо назардошти ҳолати бемор ва бо қарори духтур.***

Ҷамъоварии маводи биологӣ (андуда аз гулӯ ва бинӣ) аз ҷониби ҳамшираи шафқате, ки барои гирифтани таҳлил омӯзонидашудааст, сурат мегирад.

Дар дигар ҳолатҳо ҳамшираи озмоишгоҳи вирусологӣ даъват карда мешавад. Барои даъват кардани  ҳамшира аз озмоишгоҳ, духтур бояд ба озмоишгоҳи вирусологии Хадомоти назорати санитарӣ-эпидемиологӣ занг зада, оид ба зарурияти гирифтани мавод хабар расонад. Ҷамъоварии маводҳои биологӣ мувофиқи дастурамалҳои ҷойдошта аз тарафи мутахасиси озмоишгоҳ анҷом дода мешавад.

4. Бистаринамоии бемори эҳтимолияти сирояти коронавирусдошта, аз тарафи бригадаҳои махсуси ёрии тиббии таъҷили гузаронида мешавад ва то омадани онҳо бояд духтур дар назди шахси гумонбар ҳозир бошад.

5. Баъди ба охир расидани кор бо бемор, духтур ҳуҷраро тарк мекунад ва дар даромадгоҳ (подъезде) либос ва таҷҳизоти муҳофизатиро кашида, дар халтаи махсус барои партовҳои тиббӣ мебандад, дастҳоро бо антисептикӣ коркард намуда, бастаи либосҳои муҳофизатиро дар бағоҷи мошин гузошта, бо худ мебарад.



**Замима 1.**

**Тарзи пӯшидани либоси яккаратаи муҳофизатӣ.**

1. Пӯшидани либоси тунук (тагпӯш) ва пойафзол.
2. Дастҳоро бо собун дуруст шӯстан.
3. Кулоҳи яккаратаро ба сар пӯшидан.
4. Пӯшидани ниқоби яккаратаи навъи N95.
5. Пӯшидани дастпӯши якаратаи қабати якӯм.
6. Пӯшидани айнаки муҳофизатӣ бо либоси муҳофизатии яккарата ва маҳсии (бахил) намноknашаванда.
7. Аз болои либос пӯшидани пешдомани яккарата ва кулоҳи махсус муҳофизатӣ (защитный щиток для лица) барои кор дар ҷойҳои махсуси корӣ.
8. Пӯшидани дастпӯши дуюм.

**Тарзи кашидани либоси махсуси муҳофизатӣ.**

1. Шӯстани дастҳо бо тоза намудани олудаҳои болои (хун, луоб ва ғайра) дастпӯшҳо.
2. Дуюмбора шӯстани дастҳо ва иваз намудани даспӯши болоӣ ва пӯшидани дастпӯши нав.
3. Кашидани пешдомани яккарата ва кулоҳи махсус муҳофизатӣ (защитный щиток для лица). Шӯстани дастҳо. Кашидани қабати дастпӯши болоӣ.
4. Шӯстани дастҳо бо пӯшидани дастпӯши нави болоӣ.
5. Ба ҳуҷраи либоскашии №1 ворид шудан.
6. Шӯстани дастҳо →Кашидани либоси махсуси муҳофизатӣ, маҳсиҳо (бахилы) ва дастпӯши болоӣ бо қисмати дарунаашон ва ҷамъ намудани он (вывернуть наизнанку и свернуть) ва ба халтаи махсус ҷой намудан.
7. Шӯстани дастҳо.
8. Ба ҳуҷраи либоскашии №2 ворид шудан.
9. Дастҳоро шӯста айнаки муҳофизатиро кашидан.
10. Дастҳоро шӯста ва кашидани ниқоб.
11. Дастҳоро шӯста ва кашидани кулоҳи яккарата.
12. Дастҳоро шӯста ва кашидани дастпӯши якӯм.

a. Дастҳоро шӯста ва бармадан аз ҳуҷраи либоскашии №2

13. Дастҳоро шӯста, баъди оббозӣ намудан ба қисмати

a. тозаи корӣ гузаштан.

юнисеф

барои ҳар як кӯдак

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария